**Суратҷаласаи №37-и**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, киёсӣ

аз 17 июни соли 2021

Иштирок доштанд:
аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 3 нафар

17 июни соли 2021 соати 15:00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 17.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дар мавзӯи «**Таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ)**» аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, киёсӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забони олмонӣ ва методикаи таълими они факултаи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Сайфулаев Хайрулло Габдуллаевич** – номзади илми филология, дотсент, доктори илмҳои педагогика, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мамадасламов Мамадсаид Саидасламович** -доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.
2. **Бобоева Мадина Маруфовна** - номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ.
3. **Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Котиби илмии Шӯро дар бораи аспирант ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Аспирант **Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна** оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон Сулаймонов С., Шарипова Ф. ва Сафаров У. ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич номзади илми филология, дотсент, доктори илмҳои педагогика, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Мамадасламов Мамадсаид Саидасламович** - доктори илми филология, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев; **Бобоева Мадина Маруфовна** - номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ. баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон Сулаймонов С., Раҳмон Р., Шарифова Ф. ва Сафаров У. иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзои шӯрои диссертатсионӣ Мақсудов Б., Муродов М., Шарифова Ф. интихоб гардиданд.

Аз 21 нафар аъзои Шӯро 14 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 14, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна додани дараҷаи илмии номзади илми филология қабул гардид.

## ҚАРОРИ
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 17.06.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дар мавзӯи **«Таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев – **Мамадасламов Мамадсаид Саидасламович**, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии

Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ – **Бобоева Мадина Маруфовна**, муқарризони гайрирасмӣ – профессорон П. Ҷамшедов, Р. Раҷабова, Б. Ҷурақулов ва З. Муҳаммадиева-ро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дар мавзӯи «**Таҳлили грамматикӣ-категориявӣ ва функсионалӣ-семантикии ҷонишинҳои шахсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҳалимова Маҳбуба Сафаралиевна дипломи дараҷаи илмии номзади илми филологияро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Дӯстзода Ҳ.Ҷ.